Имрӯзхо дар тамоми гӯшаву канори чумхурӣ ташкилу рохандозӣ намудани чамъомаду чорабинихо бахшида ба 25-умин солгарди Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон бомаром идома дорад.

Ин навбат, ансамбли «Шараф»-и Вазорати мудофиаи мамлакат барномаи рангини консертии худро бахшида ба 25-умин солгарди Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон бо суруду таронахои чолиб пешкаши сокинону мехмонони шахр намуд, ки дар он намояндагони Вазорати мудофиа ва шумораи зиёди сокинони пойтахт иштирок намуданд.





Намоиши театрикунонидаи ансамбли мазкур дар сатхи баланди касбӣ омода шуда, шеъру охангхои сурудашуда бошанд, аз завки баланди эчодии ахли хунарии ансамбл гувохӣ медод. Хар як суруду таронаи садо додашуда, тараннумгари ватандорию осоиштагӣ, сохибистиклолию ифтихор аз фархангу таърих ва зебоихои табиати кишвар буд Тамошобинону иштирокчиёни чамъомада аз ташкилу рохандозӣ намудани чунин намоишхои фархангӣ дар рӯзхои истирохатӣ истикбол карда, икдоми хукумати мамлакат ва масъулини сохаро кобили дастгирӣ арзёбӣ намуданд.

Хамчунин дар ин рӯз дар гӯшаи дигари ин бог ёдгорихои таърихӣ ва намунахои анъанахои миллӣ, ки аз таърихи кӯханбунёду пургановати халки точик шаходат медихад, ба намоиш гузошта шуда буд.